## Тақризи роҳбари илмӣ

Ба диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои пешниҳод ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Истифода бурдани заминҳои обёришаванда манбаи асосии истеҳсоли маҳсулоти ғизои ба шумор рафта, парвариш ва истеҳсоли зироатҳои равғандеҳ, аз қабили чормағзи заминӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо равғани растанӣ таъмин намуда, ҳамчун зироати лубиёгӣ ҳосилхезии хокро баланд мебардорад.

Мавзӯи кори диссертатсионии Бегназаров Д.Б. самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №658 аз 31 декабри соли 2008 оид ба рушди таъминоти илмии комплекси агросаноатии мамлакат равона гардидааст мувофиқ мебошад.

Мақсади асосии кори диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич – ин асосноккунии илмӣ ва амалии парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ, коркарди усулҳои асосии технологияи парвариш барои таъмини ҳосили фаровони дон, анбуҳи сабзи серғизо ва истеҳсоли равғани истеъмолии аз ҷиҳати экологӣ тоза, ба мақсади истифодаи самараноки заминҳои обёришаванда ва рӯёнидани ду ҳосили дон дар як мавсим ба шумор меравад.

Бегназаров Давлатманд Бобошоевич бори аввал дар шароити заминҳои обии Тоҷикистони Марказӣ технологияи парвариши чормағзи заминӣ, аз ҷумла муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳоро дар кишти ангорӣ таҳқиқ намудааст, ки ба руёнидани ҳосили фаровони дон, анбӯҳи сабз ва истеҳсоли равғани растанӣ равона гардидааст.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳрои дар шароити заминҳои обии Тоҷикистони марказӣ муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳои муътадили чормағзи заминӣ таҳия гардидааст, ки рӯёнидани 3,3 т/га ҳосили ғилофакҳо, 20 т/га анбӯҳи сабз ва 0,9 т/га равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин намудааст.

Мавзуъи тадқиқотии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич аз ҷиҳати муҳимияти, дараҷаи илмии омузиш, навгонии илмӣ ба талаботи имрузаи соҳаи кишоварзӣ пурра ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияро шахсан худи аспирант иҷро намуда, натиҷаҳои илмии бадастовардашуда тадқиқотҳои мустақилонаи Бегназаров Д.Б. мебошад.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия дар 6 маводҳои илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Кори диссертатсионии Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯъи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ
доктори илмҳои кишоварзӣ — Нарзулоев Т.С.

Суроға:735022, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи
Дустӣ, Институти зироаткории АИКТ

Имзои Т.С. Нарзулоев – ро тасдиқ
мекунам, сардори нозири кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ — Раҷабзода Ф.Ф.